# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-093 - и**
**назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих Тиллоев С.С., доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т. ва доктори илмҳои таърих Қурбонова Ш.И. бо таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад.

Рисолаи номзадии Алимардонзода Бобохон Маҳмади дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)», ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили омӯзиши маҷмӯии таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонзода Бобохон Маҳмади воқеан ба масъалаи бисёр муҳими таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар байни дастовардҳои халқи тоҷик дар асри XX – оғози садаи асри XXI ҳалли мушкилоти рушди энергетикӣ татбиқи он дар равандҳои заҳматталаби рушди иқтисодӣ, таҳсилот, илму фарҳанг ва дигарҳоро номбар кардан мумкин аст. Энергетика, ки бо захираҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми Осиёи Марказӣ ҷойи якумро ишғол менамояд, қувваи муҳимтарини истеҳсолкунанда ва аз ҷиҳати фарҳангӣ табдилдиҳанда аст, ки ин матлабро электрикунонии ноҳияҳои аз

ҷиҳати стратегӣ муҳимми ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ дар давраи асри ХХ – оғози садаи XXI инъикос менамояд. Зеро электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Тоҷикистони Шуравӣ ва Ҳукумати Тоҷикистони соҳибистиқлолу якпорча мавқеи махсус доштанд. Мубрамияти мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар илм родеъ ба хусусиятҳои хоси «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» анҷом дода нашудааст, инчунин электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди тараққиёти иҷтимоию-иқтисодии мамлакат буда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба рушди минбаъдаи мамлакат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуда, вазъи иҷтимоии аҳолиро ба маротиб баланд мебардорад. Гузашта аз ин, дар даврони истиқлол бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати яке аз ҳадафҳои стратегӣ қарор гирифтани таъмини истиқлолияти энергитикии кишвар аҳаммияти илмии мавзуи мавриди тадқиқро дучанд гардонида, мубрамият ва рӯзмарра будани онро собит менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** дар он аст,ки ҳамаи давраҳои татбиқи нақшаи кори илмӣ, аз қабили коркарди мавзуъ, асосноккунӣ ва аҳаммияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он риоя шуданд ва бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд. Муаллиф маводи таърихи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони Шуравӣ ва давраи истиқлолият муфассал таҳлил карда, дар таҳқиқи он саҳми худро гузоштааст. Доир ба мавзуи рисола муаллиф ба натиҷаҳои муайяни илмӣ омада, таклифу тавсияҳои худро баён кардааст ва мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

**Мақсаду вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқи мазкур омӯхтан ва воқеъбинона таҳлил кардани маводи амалӣ доир ба масъалаҳои таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон, муайян кардани дараҷаи таъсири он ба инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти омӯзишу таҳлили маводи мавзуи интихобшуда диссертант дар назди худ вазифаҳои зеринро муқаррар намуд:

– нишон додани манзараи воқеии захираҳои обию энергетикии ин минтақа;

– муайян кардани сатҳи амалии истифодабарии захираҳои обию энергетикии минтақа бо мақсадҳои истеҳсолӣ;

таҳлил кардани вазъи равандҳои истифодабарии қувваи барқ дар фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии ин ноҳияҳо;

– муайян кардани аҳаммият ва нақши қувваи барқ дар ҳаёти фарҳангӣ ва маишии аҳолии ноҳияҳои ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ;

таҳлил кардани дастовардҳои истифодабарии қувваи барқ дар равандҳои заҳматталаби хоҷагии деҳот дар минтақаҳои ҷанубу шарқӣ;

– асоснок кардани зарурати ташаккулёбии маҷмааи сӯзишворию энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои мунтазам таъмин кардани ҳамаи минтақаҳои кишвар бо қувваи барқ;

– муайян кардани пойгоҳи маводӣ ва дурнамои сохтмони истгоҳҳои барқии нави хурд, миёна ва калон дар худуди Тоҷикистон;

– баррасӣ кардани аҳаммияти байналхалқӣ ва сиёсии сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ доир ба электрикунонии ноҳияҳои наздисарҳадӣ;

– асоснок кардани дурнамои рушди минбаъдаи энергетикӣ ва электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Дар он зоҳир мегардад, ки бо мақсади таҳлилу муайянсозии боэътимоди нуктаҳои электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ, дар навбати аввал маводи интишорнаёфтаи бойгониҳо,

нашрияҳои илмии монографӣ, маводи оморӣ ва матбуоти даврӣ таҳлил карда шудаанд.

Аз онҳо оид ба вазъи ҷуғрофии ноҳияҳои ин минтақа, захираҳои обию энергетикии он, таърихи инкишоф, сатҳи электрикунонии хоҷагии халқ ва фарҳангу ҳаёти маишии аҳолии минтақа иттилооти аниқ ба даст овардан мумкин аст.

Таҳқиқ, таҳлил ва инъикоси мавод доир ба таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар маҷмуъ, баъзе мушкилоти саҳифаҳои таърихи халқи тоҷикро пурра анҷом дода, ба хонанда ҳаҷми маводеро, ки барои фаҳмиши беҳтари вазъи иқтисодию фарҳангии кишвари худ имкон медиҳанд, пешкаш месозад.Доираи мавзуии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо корҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба иқтисодиёт, фарҳанг, илмҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ сахт алоқаманд аст.

Ғайр аз ин, навгонии илмии таҳқиқот аз матолиби зерин бармеояд:

– аксарияти маводи мавзуи мазкур таҳлил карда шуда, дар навбати аввал баҳои илмии онҳо дода шудааст.

– дар минтақа ғайр аз дарёҳои калон дарёҳои Панҷ, Кофарниҳон ва Яхсу ба ҳайси сарчашмаҳои иловагии истеҳсоли қувваи барқ баррасӣ шудаанд;

– сарчашмаҳои асосии истеъмоли қувваи барқ дар ин минтақаҳо нишон дода шудаанд;

– дараҷаи истифодабарии қувваи барқ аз тарафи хоҷагиҳои фермерӣ ва аҳолии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон барои эҳтиёҷоти истеҳсолии хоҷагии деҳот, корхонаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, фарҳангӣ ва маишии аҳолии деҳот муайян карда шуд;

– аҳаммияти таърихии қувваи барқ дар тағйирёбии ҳаёти фарҳангии аҳолии Тоҷикистон инъикос ёфтааст;

– зарурати созмондиҳии маҷмааи сӯзишворию энергетикии Тоҷикистон ва аҳаммияти он барои мунтазам бо шабакаи барқӣ таъмин кардани ҳамаи минтақаҳои кишвар асоснок карда шуд;

– дурнамои рушди энергетикӣ ва электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон асоснок карда шуд.

**Аҳаммияти амалиявии таҳқиқот** Маводи таҳқиқи мазкур метавонанд зимни тархрезии масъалаҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, фарҳанги он, энергетикаи вилояти Хатлон, дар таҳқиқоти иловагӣ доир ба таърихи фарҳанги минтақаҳои гуногун ва ноҳияҳои кишвар, зимни гузарондани курсҳои алоҳида доир ба таърихи энергетикаи кишвар ва ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик, дар бозгашт ба равшансозии масъалаҳои фаромӯшшудаи сиёсати Ҳукумати Шуравӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди фарҳангии ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон истифода бурда шавад. Ғайр аз ин, маводи таҳқиқи мазкур метавонад зимни навиштани асарҳои алоҳида, рисола ва мақолаҳои истифода шавад, ки онҳо ташаккулёбии маҷмааи обию энергетикии Тоҷикистонро, бо инобати дурнамои азхудкунии захираҳои сӯзишворию энергетикии кишвар, ки онҳо имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои фарҳангии Тоҷикистонро равшантар месозанд, ба пуррагӣ нишон медиҳанд.

**Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Алимардонзода Бобохон Маҳмади дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ) ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

**А). Ҳотамов Намоз** – доктори илмҳои таърих, профессор сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини Иниститути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

**Б) Маҳмадзода Убайдулло Давлат –** номзади илмҳои таърих, дотсент сардори раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

3. **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба** ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5.**Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Тиллоев С.С.**
**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Қобилова Б.Т.**

**доктори илмҳои таърих** **Қурбонова Ш.И.**

*Имзоҳоро тасдиқ мекунам:*
*Нозири шуъбаи кадрҳои*
*Институти таърих, бостоншиносӣ*
*ва мардумшиносии ба номи*
*А. Дониши АМИТ* *Файзуллоева Г.К.*

10.07.2025